«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
д.и.т., профессор,
__________ Ибодуллозода А.И.
«27» __12__ соли 2025

# ХУЛОСАИ

кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2.-Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ)

Давлатзода Фарзона Иброҳим 23 апрели соли 1988 дар ноҳияи Айнии вилояти Сугд, деҳаи Шамтуч таваллуд шудааст. Соли 2006 ба шуъбаи рӯзонаи факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2011 донишгоҳро бо ихтисоси педагог-психолог бомуваффақият хатм намудааст.

Аз соли 2011 дар факултети педагогика ба ҳайси коргузори факултет ва ассистенти кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ба кор қабул гардида, то соли 2015 дар ин вазифа кор ва фаъолият намудааст.

Аз соли 2015 ба кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ба ҳайси ассистенти кафедра гузаронида шуд. Соли 2019 ба вазифаи муаллими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ таъин гардида, то имрӯз дар ҳамин вазифа фаъолият менамояд.

Фаъолияти илмии худро аз соли 2018 оғоз кардааст.

Давлатзода Ф.И. бо фармоиши №630, аз 25.12.2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Давлатзода Ф.И. дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28.10.2022, қарори №3/6.1 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло - доктори илмҳои педагогӣ профессор, мудири шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Забони хориҷӣ (англисӣ) - “4” (хуб) -27.06.2023;
- Таърих ва фалсафаи илм - “4” (хуб) - 14.06.2012;
- Ихтисос: 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) - “5” (аъло) - 30.05.2024. (Ба феҳристи нави самтҳои илм барои дарёфти дараҷаи илмӣ КОА аз 25.09.2025, №10, ихтисоси 5.3.2.-Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ) мувофиқ мебошад).

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон 31.12.2025, №874 додааст.

Кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ таҳқиқоти диссертатсионии Давлатзода Фарзона Иброҳимро дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» бо иштироки муқарризони холис Сайфуллоев Х.Г. доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С.Айнӣ; Додхудоева Н.М. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ; Сатторов А.Қ.-номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Барои муаррифии муҳтавои мавзуъ сухан ба унвонҷӯ пешниҳод гардид. Дар баромади худ Давлатзода Ф.И. оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, муҳимият ва навгонии таҳқиқот, натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бадастовардаро иброз намуданд.Рушди иҷтимоии одамон бо талаботи тағйирёбандаи ҷомеаи атроф робитаи зич дошта, бо иштироки онҳо дар муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ фарқ мекунад. Имрӯз намудҳои гуногуни муносибатҳо - ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, динӣ, эстетикӣ, илмӣ ва ғайра пайдо шудаанд, ки инсон қариб доимо бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ шахсият дар тули ҳаёти инсон инкишоф меёбад, аммо синну соли кӯдакони аз 3 то 11-сола аз ҳама муҳим ҳисобида мешавад. Бисёре аз олимон онро «давраи кӯдакӣ» меноманд. Дар давраи баррасишаванда заминаҳое инкишоф меёбанд, ки салоҳияти иҷтимоиро таъмин мекунанд. Маълумоти гуногун аз ин давра барои кӯдак заминаи зарурӣ барои рушд ва фаъолияти минбаъдаи ӯ мегардад. Дар ин бора

Ш.А. Амонашвили, Л.С. Виготский, М.Лутфуллозода, Б.Маҷидова, М.Иззатова, Л.Иматзода ва дигар олимон изҳори назар карданд.

Дар солҳои аввали ҳаёт инсон тадриҷан меъёрҳои иҷтимоиро аз худ мекунад ва бо қоидаҳои муҳими ҷомеа шинос мешавад, ки худро дар он дар шакли субъекти фаъолияти амалӣ дарк мекунад. Давраи мавриди назар бо гузоштани сохторҳои асосии шахсияти наврас хос аст. Иҷтимоикунонии ибтидоии кӯдакони калонсол дар оила ва муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад ва маҳз онҳо барои тарбияи насли наврас масъуланд.

Кӯдакони то 11-сола ба осонӣ таваҷҷуҳро аз ҷаҳони атроф ба одамон ва баръакс иваз мекунанд ва онҳо дар муносибатҳои иҷтимоӣ паймоиш мекунанд, мухторият ва мустақилиятро меҷӯянд. Дар натиҷа, дар кӯдакон худшиносӣ ба вуҷуд меояд, ки барои ҳаёти муваффақонаи минбаъда хеле муҳим аст. Оҳиста-оҳиста кӯдак шахсияти худ ва ҷудо будани худро аз ҷаҳони беруна дарк мекунад. Ин ба шарофати ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ, амалҳои гуногун ва тарзи рафтори азхудкардашуда ба амал меояд.

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз коркард ва асоснок намудани барнома ва амсилаи сохторӣ-мундариҷавии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи томактабӣ ва оила иборат мебошад. Ин дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила ҳадаф ҳамзамон муайян ва асоснок намудани шароитҳои психологӣ-педагогии татбиқи самараноки амсилаи пешниҳодшударо дар муассисаи томактабӣ ва муҳити оила дар назар дорад. Таҳқиқот ба таҳлили амиқи равандҳои рушди иҷтимоии кӯдак, муайянсозии омилҳои таъсиррасон ва таҳияи механизми илмӣ-методии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ равона гардидааст, ки метавонад дар шароити ҳамкории оила ва муассисаҳои таълимӣ амалӣ карда шавад.

Аз ин лиҳоз, аҳамияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси таҳлили фарогири осори илмии ватаниву хориҷӣ мафҳумҳо ва категорияҳои марбут ба рушди иҷтимоии кӯдак дақиқ ва бонизом дароварда шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада саҳм дар ғанигардонии назарияи тарбия дар муассисаи томактабӣ ва оила ва рушди иҷтимоии шахсияти кӯдак гузошта, имконияти истифодаи онҳо ҳамчун пояи илмӣ барои таҳқиқоти минбаъда ва такмили ҳамкории оила бо муассисаҳои томактабиро фароҳам меоранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки** шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи томактабӣ ва муҳити оила дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда

шуданд. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада амсилаи сохторӣ-фаъолиятии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар ҳамкории МТТ ва оила таҳияву санҷида шуд, ки ба ташкили ҳамкории субъект-субъектии мураббия-кӯдакон ва волидон-фарзандон такя намуда, ҷузъҳои аксиологӣ, эхсосотӣ ва маърифатӣ-рағбатиро дар бар мегирад ва ҷалби мунтазами кӯдаконро ба фаъолияти муштараки оилавӣ ҳамчун механизми асосии иҷтимоикунонӣ пешбинӣ менамояд.

Илова бар ин, мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон дар муассисаи таълимӣ ва муҳити оила аз ҷиҳати назариявӣ таҳлил шуда, барномаи кории “Ман, мо ва дигарон” таҳия гардид, ки ҳамкории ҳамаҷонибаи мурббиёну волидон ва истифодаи технологияҳои педагогии ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон нигаронидашударо пешбинӣ менамояд. Низоми арзёбии сатҳи инкишофи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия шудааст, ки барои баҳодиҳии самараноки татбиқи амсилаи таҳияшуда, барномаи корӣ ва шароитҳои педагогӣ имконият медиҳад.

**Муқарраротӣ зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

Сифатҳои иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои шахсият, аз ҷумла фаъолият, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори иҷтимоии танзимшаванда, қобилияти ҳамкорӣ ва иртибот, нишондиҳандаи асосии сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб мераванд. Исбот карда шудааст, ки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки сатҳи инкишофи иҷтимоиро тавсиф мекунанд.

Асоснок карда шудааст, ки ташаккули мақсадноки ин сифатҳо дар муҳити оила тавассути ҳамкории субъект-субъектии волидон ва фарзандон амалӣ гардида, ба тағйироти микдорӣ ва сифатӣ дар рушди шахсияти кӯдак мусоидат мекунад. Дар ин замина амсилаи сохторӣ-мундариҷавии ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти фармоиши иҷтимоӣ, талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот ва хусусиятҳои синнусолии кӯдакон таҳия ва татбиқ карда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** таҳти унвони «Асосҳои назариявӣ-методологии рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ» заминаҳои илмӣ ва методологии масъала мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби 1.1** « Таҳлили рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар адабиётҳои равонию педагогӣ ва методӣ» моҳият, мазмун ва қонуниятҳои рушди иҷтимоии кӯдак аз мавқеи равоншиносӣ ва педагогика таҳлил гардида, нақши муҳити оила ҳамчун омили асосии

иҷтимоикунонӣ асоснок карда шудааст. Хусусиятҳои синнусолии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол, омилҳои таъсиррасон ба ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, инчунин аҳамияти ҳамкории субъект-субъектии волидон ва фарзандон ба таври назариявӣ шарҳ дода шудаанд.

**Дар зербоби 1.2** «Коркарди амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» амсилаи илмии пешниҳодшуда таҳия ва асоснок гардидааст. Дар он ҷузъҳои мақсаднок, консептуалӣ, мундариҷавӣ ва технологӣ муайян шуда, механизми амалишавии раванд, шароитҳои психологӣ-педагогӣ ва равишҳои методологӣ мушаххас карда шудаанд. Ин амсила ҳамчун пояи назариявӣ барои ташкили раванди мақсадноки ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ дар муҳити оила бароммад мекунад.

**Дар боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони «**Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила**» натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва ҷанбаҳои амалии татбиқи амсилаи пешниҳодшуда баррасӣ гардидаанд.

**Дар зербоби 2.1** «Шароитҳои психологӣ-педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тибқи талаботи замони муосир» маҷмуи шароитҳое муайян ва асоснок карда шудаанд, ки татбиқи самараноки амсилаи сохторӣ-мундариҷавиро таъмин менамоянд. Дар ин қисм нақши ҳамкории субъект-субъектии волидон ва фарзандон, фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ дар оила, рушди салоҳияти педагогии волидон ва ҷалби кӯдакон ба фаъолияти муштараки оилавӣ ҳамчун омилҳои муҳими ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ нишон дода шудаанд.

**Дар зербоби 2.2** « Технологияи ташкил ва тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар марҳилаҳои таҳқиқот» марҳилаҳо, усулҳо ва воситаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ шарҳ дода шуда, тартиби гузаронидани озмоиш, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ тавсиф гардидаанд. Ҳамчунин натиҷаҳои бадастомада таҳлил шуда, самаранокии амсилаи пешниҳодшуда ва барномаи дастгирии педагогии волидон дар муҳити оила ба таври далелнок собит карда шудааст.

**Дар боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва натиҷабардорӣ аз он»** инъикос ёфтааст.

**Дар зербоби 3.1** «Татбиқи амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» раванди амалисозии амсилаи сохторӣ-мундариҷавӣ дар муҳити оила ба таври пайдарпай тавсиф гардидааст. Дар ин қисм шаклҳо ва усулҳои ҳамкории субъект-субъектии волидон ва фарзандон, истифодаи барномаи дастгирии педагогии волидон, инчунин механизмҳои фаъолсозии мавқеи иҷтимоии кӯдак нишон дода шудаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиди психологӣ-педагогӣ ва ҷалби мунтазами кӯдакон ба фаъолияти муштараки оилавӣ ҳамчун воситаи рушди сифатҳои иҷтимоӣ равона гардидааст.

**Дар зербоби 3.2** «Таҳлили натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ» натиҷаҳои марҳилаҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва назоратии озмоиш мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ бо истифода аз меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои муайяншуда муқоиса ва арзёбӣ гардида, самаранокии амсилаи таҳияшуда ва барномаи дастгирии педагогии волидон аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва бо далелҳои таҷрибавӣ тасдиқ карда шудааст.

**Дар хулосаи диссертатсия натиҷагириҳо ба тариқи зайл фароҳам оварда шудаанд:**

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, ба шароити муҳити оила ва хусусияти ҳамкории волидон бо фарзандон вобастагии зич дорад. Сифатҳои иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои шахсият - фаъолият, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори иҷтимоии танзимшаванда, қобилияти ҳамкорӣ ва иртибот - нишондиҳандаи асосии сатҳи рушди иҷтимоии кӯдак муайян карда шуданд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии масъала таҳлил гардида, амсилаи сохторӣ-мундариҷавии рушди сифатҳои иҷтимоӣ таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд. Муайян гардид, ки татбиқи самараноки амсилаи мазкур ба фароҳам овардани шароитҳои психологӣ-педагогӣ, аз ҷумла ҳамкории субъект-субъектии волидон ва фарзандон, фазои мусоиди равонӣ ва рушди салоҳияти педагогии волидон вобаста мебошад.

Натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ нишон доданд, ки татбиқи пайдарпайи амсилаи пешниҳодшуда ва барномаи дастгирии педагогии волидон ба беҳбудии назарраси сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мусоидат менамояд. Тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар нишондиҳандаҳои фаъолият, мустақилият, ташаббускорӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ самаранокии роҳу усулҳои пешниҳодшударо тасдиқ намуданд.

Ҳамин тавр, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот пурра амалӣ гардида, фарзияи илмии пешниҳодшуда тасдиқи таҷрибавӣ пайдо кард. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти амалии муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва дар кори тарбиявии оилаҳо истифода шаванд.

Сипас роҳбари илмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба фаъолияти унвонҷӯ Давлатзода Ф.И., дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқарраротӣ кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ намуда, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ карда, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр кардааст.

Дар идома муқарризони холис Сайфуллоев Х.Г. доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии факултети забонҳои романӣ-германии ДДОТ ба номи С.Айнӣ; Додхудоева Н.М. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва Сатторов А.Қ. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт.

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.2.-Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва банди 13 - Фаъолияти инноватсионӣ ва таҷрибавию озмоишӣ ҳамчун манбаи рушди назария ва методикаи тарбияи томактабӣ мувофиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки рисолаи илмии Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» кори илмии мустақилона ба анҷомрасида буда, дар он муҳаққиқ ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштaшуда муваффақ шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

1. Иматзода, Л.М., Бегова, Ф.И. Сохтор ва вазифаҳои фазои тарбиявии оила, ки барои тарбияи фарзанд заруранд [Матн] /Л.М. Иматзода, Ф.И. Бегова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2023. №3 (43). - С.122-128. ISSN 2617-5320.
2. Бегова, Ф.И. Хусусиятҳои раванди рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Ф.И. Бегова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 2023. №4-1 (18). - С.50-54. ISSN 2708-5759.
3. Бегова, Ф.И. Асосҳои педагогии рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол дар оила [Матн] / Ф.И. Бегова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2023. №4 (49). - С.109-113. ISSN 2222-9809.
4. Давлатзода Ф.И. Ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ ҳамчун омили муваффақияти шахсӣ дар оянда / Ф.И. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №11. – С.248-253. ISSN 2074- 1847.
5. Давлатзода, Ф. И. Зоидова О.А. Рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила [Матн] / Ф.И.Давлатзода, О.А.Зоидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №12 (1). - С.213-221. ISSN 2074-1847.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён кафедраи педагогикаи умумӣ

ҚАРОР КАРД:

1.Диссертатсияи Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Давлатзода Фарзона Иброҳим дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2.- Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Давлатзода Фарзона Иброҳимов дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ

дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2.-Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи С.Айнӣ аз 25 декабри соли 2025, протоколи №5/3 бо иштироки мутахассисони даъватшуда қабул гардидааст, ки дар он аз узви шурои диссертатсионии 6DKOA-030-и назди назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон д.и.п.Гулмадов Ф. И. ва н.и.п. Обидова М.И. иштирок намуданд.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 10 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Қарор якдилона қабул гардидааст, протоколи №5/3 аз 25.12.2025.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
педагогикаи умумии ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ. С.

Котиби ҷаласа: — Арбобова Ф.А.

Имзои Ҷ.С. Мансурова ва Ф.А.Арбобова- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода С.М.